**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

# НИЗОМНОМАИ

## ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**ДУШАНБЕ 2019**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Раиси Шӯрои олимони МДТ
ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино
д.и.т., профессор Гулзода М.К.__________
26 июни с. 2019.

# НИЗОМНОМАИ
## ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

## Мундариҷа

1. **Муқаррароти умумӣ** .......... 3
2. **Шаклҳои кори мустақилонаи донишҷӯён** .......... 3
3. **Ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён** .......... 5
4. **Муқаррароти ҷамъбастӣ** .......... 8

## 1. Муқарраротиумумӣ

1.1. Низомнома дар бораи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаи давлатии таҳсилоти олии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд - Донишгоҳ) талаботи умумиро нисбати банақшагирӣ, ба меъёрдорорӣ, ташкил ва назорати кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳ муқаррар менамояд.

1.2.Низомномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2016 тахти №1004, стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ, Оинномаи Донишгоҳ таҳия гардидааст.

Корҳои ғайриаудитории (мустақилонаи) донишҷӯён (минбаъд-КМД) дар Донишгоҳ фаъолияти нақшавӣ, ташкилӣ ва методии аз ҷониби омӯзгор ба фаъолияти донишҷӯён нигаронида шуда аз рӯйи аз худкунии фанҳои таълимӣ ва азхуднамоии маҳорати касбӣ, ки аз доираи корҳои таълимии донишҷӯён дар синфхона берун аст, ифода менамояд.

Ҳадафи КМД дар Донишгоҳ комилан аз худ намудани барномаи таълимӣ ва дарёфти мутобиқати сатҳи тайёрии хатмкунандагон ба талаботи стандартҳои таҳсилотӣ буда, ба рушди мустақилият, масъулиятшиносӣ ва муташаккилӣ, муносибатиэҷодӣ ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва касбӣ мутобиқат менамояд.

## 2. Шаклҳои кори мустақилонаи донишҷӯён.

2.1. КМД, ки ба азхудкунии барномаи асосии таълимӣ равона карда шудааст, инҳоро фаро мегирад:

-ба машғулиятҳои аудиторӣ (лексия, машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ, корҳои лабораторӣ ва ғ.) тайёр намудан;

- кор дар доираи мавзӯъҳои алоҳида, ки барои омӯзиши мустақилона мутобиқи нақшаҳои мавзӯи омӯзиши фанҳои таълимӣ тавсия шудаанд;
-тайёрӣ ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва иҷрои супоришҳои дар нақшаҳои кори амалӣ пешбинишуда;
- иҷрои назорати хаттӣ, корҳои курсӣ ва лоиҳаҳо;
-тайёр намудан ба тамоми намудҳои санҷишҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷишҳо ва имтиҳонот;
- тайёрӣ ба аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ, аз ҷумла иҷрои рисолаи хатм;
- дигар намудҳои кори мустақилона.

Кори мустақилона дар худ корҳои мустақилонаи аудиториро фаромегирад, ки он дар машғулиятҳои таълимӣ таҳти роҳбарии мустақими омӯзгор ва кори мустақилонаи берун аз аудиториро фаро мегирад, ки он бе иштироки мустақими омӯзгор амалӣ мегардад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳ метавонад дар шаклҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва фронталӣ сурат гирад.

Кори мустақилонаи фронталӣ супориши умумии барои ҳамаи донишҷӯён пешбинишуда машваратдиҳии умумии омӯзгор оид ба иҷрои супориш, истифодаи роҳҳои мухталифи ташкил ва роҳбарӣ ба фаъолияти донишҷӯёнро дарбар мегирад; дар давраи омӯзиши мавзӯи нав, инчунин дар марҳилаи ибтидоии ташаккулёбии тавонии донишҷӯён гузаронидани он ба мақсад мувофиқ аст.

Кори гурӯҳии мустақилона барои коркарди муштараки маводи таълимӣ, иҷрои корҳои лабораторӣ ва супоришҳои амалӣ, санҷиши мустақилонаи корҳои хаттӣ, ташкили фаъолияти лоиҳавию таҳқиқотӣ истифода бурда мешавад.

Ҳангоми ташкили кори мустақилона нақши донишҷӯ дар муайян намудани мазмуни кор, интихоби тарзи иҷрои он, ҳавасмандгардонии фаъолияти омӯзанда афзун мегардад:

- имконияти ҳамкории донишҷӯ бо муаллим пайдо мешавад.

Ҳар як омӯзгор ҳуқуқ дорад, ки корҳои мустақилонаи мавҷударо истифода намояд ва инчунин навъҳои нави КМД-ро таҳия намояд.

Роҳнамоии методии коркарди супоришҳо барои КМД ва назорати мутобиқати мазмуни онҳо ба талаботи стандартҳои умумӣ аз ҷониби кафедра дар амал татбиқ мегардад.

## 3.Ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён

Ташкили КМД ба худ банақшагирӣ, таъмин ва назоратро доро мебошад.

3.1. Банақшагирии КМД.

Зерсохтори таълимии донишгоҳ, ки татбиқи барномаҳои асосии таълимиро аз рӯи ихтисосҳо (самтҳои тайёрӣ)-и таҳсилоти олӣ (ТО), КМД-ро дар ҳаҷми пешбининамудаи нақшаи таълимӣ мутобиқи ихтисоси (самтҳои фаъолият) ба нақша мегирад.

Банақшагирии КМД аз рӯйи ҳар як фанни мушахас аз ҷониби омӯзгорӣ кафедра амалӣ гардида, пешбинӣ менамояд:

- муайян намудани КМД;
- коркарди шаклҳои назорат (воридотӣ, ҷорӣ, канорӣ, ҷамъбастӣ);
- муайян кардани намудҳо, шаклҳо ва буҷетӣ вақти КМД мутобиқи ҳаҷми корталабии он;
- муайян кардани меъёрҳо ва андозаи баҳогузории иҷрои КМД;
- муайян кардани адабиёти тавсияшаванда;
- коркарди вариантҳои супоришҳо барои иҷрои КМД;

- муқаррар намудани талабот нисбати мухлатҳои супоришдиҳӣ ва мухлатҳои иҷрои онҳо;
- коркарди маводи методӣ оид ба ташкил ва иҷрои КМД;

Намудҳо ва ҳаҷми КМД дар барномаҳои кории фанн инъикос меёбад.

Намудҳои банақша гирифташудаи супоришҳо барои КМД аз рӯйи фанҳои кафедра, мухлати иҷрои онҳо, инчунин шаклҳои назорати КМД дар ҷаласаҳои кафедра баррасӣ ва тасдиқ карда мешаванд.

Таъминоти методии КМД.

Таъминоти методии КМД аз рӯи фанҳои кафедра метавонад дар худ инҳоро фаро гирад:

- рӯйхати адабиёти асосӣ ва иловагӣ доир ба фан;
- китобхонаи электронӣ, рӯйхати маводи аудио ва видео доир ба қисмҳои гуногуни фан;
- супоришҳои методӣ оид ба ташкил ва иҷрои КМД ҳангоми омӯзиши фан;
- супоришҳои методӣ оид ба иҷрои корҳои амалӣ ва лабораторӣ;
- дастурамалҳои методӣ, супоришҳо ва тавсияҳо доир ба иҷрои корҳои назоратӣ, корҳои ҳисоботию графики лоиҳаҳои (корҳои) курсӣ;
- супоришҳои методӣ оид ба гузаронидани тамоми намудҳои таҷрибаомӯзиҳо.

Барои кафедраҳои тайёркунанда таъмини методии КМД бо супоришҳои методӣ ва тавсияҳо оид ба тайёр шудан ба аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ.

Супоришҳои методӣ ва тавсияҳо оид ба ташкил ва иҷрои КМД аз рӯйи фан чунин ҷанбаҳоро ошкор менамоянд:

- мазмун, мақсадҳо ва намудҳои КМД;
- вариантҳои супоришҳо барои КМД;
- маълумоти аввалӣ барои иҷро;
- пайдарҳамии иҷро;
- талабот ба сохтор ва барасмиятдарорӣ;
- миқдори соатҳои ба донишҷӯ барои иҷро ҷудошуда (аз рӯйи имкон ҳаҷмҳои гуногун вобаста ба тайёрии донишҷӯ);
- тартиби пешниҳод ва ҳифзи супоришҳо;
- меъёр ва дараҷаи баҳодиҳии супоришҳо;
- меъёр ва дараҷаи баҳодиҳии КМД умуман аз рӯйи фан.

**Назорати КМД**

Машваратдиҳӣ назорат ва баҳодиҳии иҷрои КМД аз ҷониби омӯзгори дарсдиҳандаи фан амалӣ мегардад.

Назорати КМД ба воридшаванда ҷорӣ ва ё канорӣ ва ҷамъбастӣ ҷудо мешавад.

Назорати воридшаванда, ҷорӣ ва ё ҳудудии КМД да машваратҳо ва ё машғулиятҳои аудиторӣ, ҷамъбастӣ дар санҷишҳо ва ё имтиҳонҳо гузаронида мешавад.

Вобаста аз намуди КМД назорат метавонад инҳоро фаро гирад:

- саволҳои назоратӣ баъди ҳар як лексия;
- тестгирӣ, корҳои назоратӣ ва корҳои ҳисоботию графикӣ;
- аттестатсияи ҳудудӣ (мобайнӣ) ва ё суҳбат аз рӯйи қисмҳои фан;
- ҳимояи корҳои курсӣ;

- ҳимояи иҷрои супоришҳои инфиродӣ аз рӯйи таҷрибаи истеҳсолӣ;
- иштирок дар конфронсҳои илмӣ;
- гузаронидани коллоквиумҳо;
- ҳимояи ҳисобот оид ба корҳои амалӣ ва ё лаборатори;
- назорати холҳои рейтингӣ;
- аттестатсияи мобайнӣ дар шакли санҷишҳо ва имтиҳонҳо.

Аз рӯйи ҳар як фан системаи назорат ва баҳодиҳии КМД таҳия намудан мумкин аст.

## 4. Муқаррароти ҷамъбастӣ

4.1.Низомномаи мазкур аз ҷониби шӯрой олимони донишгоҳ қабул мегардад ва аз рузи ба имзо расидани фармони ректор эътибор пайдо менамояд.

4.2. Ҳамаи иловаҳо ва тағироти Низомномаи мазкур аз ҷониби шӯрои олимони донишгоҳ қабул гардида, бо фармони ректор эътибор пайдо менамояд.

ВАРАҚАИ МУВОФИҚАНАМОӢ

**Таҳиягаран: Кормандони шуъбаи сифати таҳсилот**

**Мувофиқа карда шуд:**

| Вазифа | Имзо | Ному насаб |
|---|---|---|
| Муовини ректор оид ба таълим, д.и.т., профессор «____»________________ с.201__ | | Ибодов С.Т. |
| Сардори Шуъбаи таълим, д.и.т., профессор «____»________________ с.201__ | | Хоҷаева Н.М. |
| Дир.маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент, н.и.т. «____»________________ с.201__ | | Маҳмудов Х.Р. |
| Сардори офиси бақайдгирӣ «____»________________ с.201__ | | Гулбекова З.А. |
| Дир. Маркази ягонаи тестӣ, н.и.т. «____»________________ с.201__ | | Иброҳимов Ю.Ҳ. |
| Раиси иттфоқи касабаи донишҷӯён, «____»________________ с.201__ | | Саидов И. |
| Декани Факултети тиббӣ, д.и.т. «____»________________ с.201__ | | Муҳаббатов Ҷ.Қ. |
| Декани факултети педиатрӣ, д.и.т., профессор «____»________________ с.201__ | | Табаров М.С. |
| Декани факултети стоматологӣ, н.и.к. «____»________________ с.201__ | | Қаландарзода Ё.Х. |
| Декани факултети фарматсевтӣ, н.и.т., дотсент «____»________________ с.201__ | | Юлдашева У.П. |
| Декани факултети нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, н.и.т. «____»________________ с.201__ | | Саидзода Б.И. |
| Ҳуқуқшинос «____»________________ с.201__ | | Саидов Ҷ.З. |